# ҶАЛАСАИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ КУМИТАИ ЗАБОН ВА ИСТИЛОҲОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Submitted by Ҳайати тадорукот on 11 October, 2023 - 15:33
[1]

Бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми отябри соли 2023, №22/10-57 ҷиҳати «Ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар нуҳ моҳи соли 2023 ва вазифаҳо барои семоҳаи чоруми соли 2023»

рӯзи 11-уми октябри соли равон дар Кумита ҷаласаи навбатии Ҳайати мушовараи Кумита оид ба ҷамъбасти фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2023 ва вазифаҳо барои семоҳаи чоруми соли 2023 баргузор гардид.

Ҷаласаро раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумита дар нуҳ моҳи соли 2023 ва вазифаҳо барои семоҳаи чоруми соли 2023» ифтитоҳ намуд, ки дар он ҳамаи Ҳайати мушовара, сардорони шуъбаю бахшҳо ва дигар кормандони Кумита иштирок карданд.

Ҳисобот оид ба фаъолияти Кумита дар нуҳ моҳи соли 2023 ва вазифаҳо барои семоҳаи чорум барои фаъолияти минбаъдаи Кумита дар соли равон аз ҷониби сардори шуъбаи танзими истилоҳот ироа гардид.

Дар анҷом, пас аз шунидани суханрониву тавсияҳои аъзои Ҳайати мушовара оид ба масъалаҳои мубрами сиёсати давлатӣ дар бораи забони давлатӣ ва риояи қатъии талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ва табиқи онҳо вобаста ба масоили пешбурди забони давлатӣ қарори Ҳайати мушовара муҳокима ва тасдиқ карда шуд.

Раиси Кумита иштирокдорони ҷаласаро барои арҷгузорӣ ба забон ва эҳтиром ба ин муқаддасоти олиамон даъват карда, саҳмгузорӣ ва ҳамкориҳои пайвастаро дар таҳкими пешбурди сиёсати давлатии забон ва иҷрои босамари вазифаҳои барои семоҳаи охир дар фаъолияти Кумита пешниҳодгардидаро дар кишварамон муҳим арзёбӣ намуд. Ҳамзамон, таъкид шуд, ки ҳар як вазифа сари вақт иҷро шавад, зеро иҷрои ин гуна масоили мубрам дар роҳи рушду густариши забони давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

**Масъули ВАО**
**Раҳим Зулфониён**

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

-

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/6966

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/20231011_142609.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231011_142301.jpg [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231011_142609.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20231011_142625.jpg